**Суратмаҷлиси № 1**

маҷлиси васеи шурои олимони факултети забонҳои шарқи МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

аз 31-уми августи соли 2022

**Иштирок доштанд:** раис ва аъзои шурои олимони факултети забонҳои шарқ, муқарризони холиси экспертизаи давраи дуюми диссертатсия – дотсентон Ҳакимова Б.Н. ва Раҳматов Ш.А., роҳбари илмии диссертатсияи баррасишаванда – дотсент Ғиёсов Н.И. ва доктори илми филология, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷик Ҳамробоев Н.А., номзади илми филология, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносӣ Ҷӯраева С.Б.

**Рӯзнома:**

1. Баррасии диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи унвонҷӯи кафедраи грамматикаи забони арабии факултети забонҳои шарқи МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсия дар мавзуи “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)”.

**Шунида шуд:**

**Раҳимов И.У.** – раиси шурои олимони факултети забонҳои шарқ, н.и.филол., дотсент маҷлисро кушода, иброз дошт, ки дар рӯзномаи маҷлис масъалаи аввал баррасии диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи кафедраи грамматикаи забони арабӣ Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)” барои экспертизаи давраи дуюм (аз рӯйи талаботи Низомномаи нави Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад.

Роҳбари илмии диссертатсия н.и.филол., дотсент Ғиёсов Н.И. мебошанд.

Мақсади экспертизаи давраи дуюм ба ҳимоя мувофиқ будан ё набудани диссертатсия, пешниҳоди он ба шурои дифоъ (агар мувофиқ бошад) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мебошад.

Сухан барои шинос кардан бо муҳтавои диссертатсия ба унвонҷӯ Ашрапов Б.П. дар мавзуи “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)” дода шуд. Унвонҷӯ Ашрапов Б.П. дар маърузаи худ оид ба мақсад, вазифа ва муҳтавои диссертатсия гуфт:

“Иҷозат фармоед, рисолаи номзадии худро зери унвони “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)” пешниҳод намоям. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, бисту ду зерфасл, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ, сарчашмаҳо ва замимаҳо иборат буда, фарогири 174 саҳифаи чопи компутерӣ таълиф гаштааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки омӯзишу баррасии марҳалаҳои гуногуни давраи нави густариши таърихи забони адабии тоҷикӣ, маъмулан аз қарнҳои VIII-IX инҷониб ба таҳлилу таҳқиқи асарҳои ҳам мансур ва ҳам манзуми муътамад вобастагӣ дорад, зеро дар забоншиносии тоҷик муайян намудани давраҳои мухталифи рушди таърихи забон дар асоси осори илмӣ-таърихӣ ва бадеӣ аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад.

Осори мавриди қиёси мо таърихномаҳоеанд, ки ҳамчун мероси хаттии ниёгонамон маъмул гаштаанд. Бояд як нуктаи муҳимро қайд намуд, ки забони осори мавриди омӯзиши мо дорои ғаномандии ба худ хос буда, дар таҳлили муқоисавӣ-таърихии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи

забони адабии тоҷикии қуруни XVIII ва XX кӯмак карда, маводи фаровоне медиҳанд.

**Мақсади таҳқиқот** иборат аз нишон додани вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи осори таърихии муқоисашаванда, аз ҷумла ифодаи категорияҳои грамматикии исму сифат, таҳаввулоти унсурҳои ҷамъбандию вожанигорӣ, нақши шумора ва баъзе навъҳои ҷонишинҳо дар ташаккули илми морфология ва ба таври қиёс нишон додани умумияту фарқи ҳиссаҳои номии нутқ дар забони осори давраҳои мавриди омӯзиш мебошад.

Мақсади асосии диссертатсия, аз як тараф, таҳлили қиёсии хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ бошад, аз тарафи дигар, инъикос намудани манзараи воқеии забони адабии қарнҳои XVIII ва XX ва муайян кардани таҳаввулоти меъёрҳои забонӣ аз нигоҳи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ маҳсуб мешавад.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои ноил гаштан ба ҳадафҳои аслӣ дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки корҳои зерин ба анҷом расанд:

-баррасӣ ва таҳқиқи ифодаи категорияи муайянӣ ва номуайянии исм дар забони осори давраҳои муқоисашаванда;

-нишон додани умумияту фарқи категорияи шумораи исм ва таносуби истифодаи воситаҳои ҷамъбандии тоҷикӣ (-ҳо ва -он “-вон, -гон ва –ён”) дар осори Карминагӣ ва устод Айнӣ;

-муайян кардани вежагиҳои морфологӣ ва ваҷҳи корбурди унсурҳои вожанигорӣ, ба мисли исмҳои сохта дар асарҳои қиёсшаванда;

-таҳлили қиёсии категорияи дараҷаҳои сифат ва баъзе вежагиҳои фарқкунандаи онҳо дар асарҳои мавриди омӯзиш;

-муайян кардани вежагиҳои сохтори сифатҳо дар забони осори таърихии қиёсшавандаи қарнҳои XVIII ва XX;

-баррасии вежагиҳои морфологии вандгунаҳои сифатсоз ва ваҷҳи корбурди онҳо дар забони осори мавриди омӯзиш;

-қиёсу баррасии вежагиҳои морфологии шумора ва баъзе навъҳои ҷонишинҳо дар асарҳои муқоисашаванда.

Масоили таҳқиқи мо бо барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалисозии сиёсати забони мамлакат алоқаи ногусастанӣ дошта, дар заминаи “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, № 647) татбиқ мегардад. Мавзуи диссертатсияи мо дар доираи яке аз самтҳо ва нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи грамматикаи забони арабии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б.Ғафуров” ба анҷом расидааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Барои ҳалли масоили назариявӣ ва амалии роҷеъ ба ҷанбаъҳои гуногуни тадқиқот мо такя ба осори илмии олимон ва забоншиносони тоҷик, рус ва хориҷӣ, аз ҷумла В.В. Виноградов, В.А. Лившитс, Вилям Ҷонс, Ҷон Мейс, Д.С. Филлот, Ю.А. Рубинчик, В.С. Расторгуева, А.И. Ефимов, Л.П. Смирнова, Л.С. Пейсиков, Т.А. Чавчавадзе, П.Н. Хонларӣ, М.Баҳор, А.Ҳумоюнфаррух, Ҳ.Р. Боғбедӣ, М.Боқирӣ, Б.Н. Ниёзмуҳаммадов, Н.Маъсумӣ, О.Ҷ. Ҷалолов, Ш.Рустамов, Р.Ғаффоров, М.Н. Қосимова, Б.Камолиддинов, К.У. Усмонов, Д.Саймиддинов, Б.Сиёев, С.М. Сабзаев, А.Давронов, А.А. Ҳасанов, Р.Ҷӯраев, С.Назарзода, Д.Хоҷаев, О.Қосимов, Ф.Шарифова, Т.С. Шокиров, Н.И. Ғиёсов ва дигарон кардем.

Маводи фактологии тадқиқот аз асари таърихии дар асоси дастхат навишташуда, дар маҷмуъ, 29 нусхаи дастхати он дар ганҷинаҳои мероси хаттии бузургтарин шаҳрҳо – Санкт-Петербург, Қазон, Тошканд, Мадина, Душанбе мавҷуданд, гирдоварӣ шудааст. Барои муқоиса матни интиқодии “Туҳфат-ул-хонӣ” (а.XVIII) мавриди истифода қарор гирифт, ки бори аввал ба ҳуруфи кириллӣ ва дар заминаи 3 нусхаи хаттии дар Душанбе маҳфуз ва дар қиёс бо нусхаҳои дигар қадимтару комилтаранд, чоп гашта, барои таҳлили қиёсии мавзуи рисола осори таърихии устод Айнӣ - “Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ”, “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” ва дар ҳолатҳои зарурӣ аз романи таърихии “Ғуломон” истифода карда шуд.

Диссертатсия аз се боби бо ҳам марбут иборат аст.

**Боби якум** “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии исм дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX” унвон гирифта, аз ду фаслу ҳафт зерфасл иборат мебошад. Ин боб роҷеъ ба омӯзиши масъалаҳои категорияҳои шумора ва муайяниву номуайянии исм, вежагиҳои морфологии исмҳои сохта бахшида шудааст.

**Боби дуюм** “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии сифат дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX” ном дорад, ки он фарогири се фаслу ҳафт зерфасл мебошад. Мавзуи меҳварии боби мазкурро вежагиҳои морфологии сифатҳои сохта, категорияи дараҷа дар сифат ва хусусиятҳои морфологӣ ва дараҷаи корбурди вандгунаҳо ташкил медиҳанд.

**Боби сеюм** “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии шумора ва ҷонишин дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX” номгузорӣ шуда, он аз ду фаслу ҳашт зерфасл иборат аст. Дар ин боб асосан оид ба қиёсу баррасии хусусиятҳои сарфии шумора, нумеративҳову воҳидҳои шумор ва ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ ва таъинӣ сухан рафта, баъзе вежагиҳои бориз ва фарқкунандаи ҳиссаҳои номии нутқи номбурда мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Амалисозиии ҳамаи ин бобу бандҳо дар қисмати “Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда”-и диссертатсия ифода ёфта, дар хулосаи бобҳо ва хулосаи ҷамъбастии диссертатсия баён гардидааст”.

Дар идома қайд карда шуд, ки дар диссертатсия аз хулоса (18 банд) ва натиҷаҳои таҳқиқ ва пешниҳодҳо (3 банд) дода шудаанд.

Дар бораи **навгони**и рисола унвонҷӯ иброз дошт, ки дар забоншиносии тоҷик бори аввал таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Кармингӣ ва устод Айнӣ) батафсил мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони осори даврони қиёсшаванда ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Ба ҳамин минвол, баъзе вежагиҳои боризи ҳиссаҳои номии нутқ аз нигоҳи сохту услуб ва аз рӯйи ваҷҳи истифода дар забони адабии тоҷикии даврахои қиёсшаванда муайян

карда шуда, мақому вазифаҳои ҳар кадоми онҳо дар ҳиссагузорӣ оид ба омӯзиши категорияи грамматикӣ, сохтору маъно нишон дода мешавад.

Мазмуни диссертатсия дар 20 мақолаи илмӣ (аз ҷумла, 10 мақола дар нашрияҳои тавсиявии КОА (Комиссияи олии аттестатсионӣ)-и назди Президенти ҶТ) ба мутахассисон ва доираи васеи хонандагон пешниҳод шудааст.

Дар қисмати саволу ҷавоби маҷлис ба унвонҷӯ чунин саволҳо дода шуданд:

**Савол:** профессор Низомиддин Муродӣ – Маърузаи унвонҷӯ пурмуҳтаво буд, ман онро бодиққат гӯш кардам. Барои чӣ маҳз забони асари таърихии асри XVIII-ро бо осори устод Айнӣ муқоиса намудед?

**Савол:** – Шумо дар гузориши худ дар бораи осори устод Айнӣ истода гузаштед, асосан кадом осори устод Айниро ҳамчун сарчашма мавриди истифода қарор додед?

**Ҷавоб:** - Ташаккур барои саволҳо, пеш аз ҳама, мақсади диссертатситяи мо дар муқоиса омӯхтани вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX дар мисоли таърихномаҳо аст. Барои он маҳз забони адабии тоҷикии асри XVIII-ро интихоб намудем, ки дар соҳаи забоншиносии тоҷик ва таърихи забон ягон таҳқиқоти пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст, аз ин рӯ, метавон гуфт, ки таҳқиқи мо яке аз таҳқиқоти нахустин маҳсуб мешавад.

Нисбати саволи дуюм гуфтаниям, ки, албатта, мо дар рафти пажуҳиш фақат дар заминаи осори таърихии "Туҳфат-ул-хонӣ" (а.XVIII), "Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ" (а.XX), "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро" (а.XX) ҷиҳати исботи фикру натиҷаҳои кори диссертатсионии худ такя намуда, дар ҳолатҳои зарурӣ романи таърихии инқилобии "Ғуломон"-ро (а.XX) мавриди истифода қарор додем.

**Савол:** профессор Насриддинов Ф.А. – Маълум аст, ки диссертатсияи Шумо ба муқоисаи забони ду давра (қарнҳои XVIII ва XX) дар ососи

сарчашмаҳои таърихӣ бахшида шудааст. Нақши ва мақоми “Туҳфат-ул-хонӣ”-и Карминагӣ дар ташаккули фарҳангнигории тоҷик чӣ гуна аст?

**Ҷавоб:** - Ташаккур, устод саволи Шумо хеле бамаврид аст, инро гуфтаниям, ки мо бо ҳамроҳии раҳнамои илмиям асари таърихии “Туҳфат-ул-хонӣ”-ро дар ҷараёни таҳия ва омодасозии “Фарҳанги забони тоҷикии ҳарфи - Дд” онро ҳамчун сарчашма истифода намуда, як силсила моддаҳои луғавии нави тоҷикиро иқтибос кардаем. Гузашта аз ин, мо фарҳанги соҳавӣ, яъне “Фарҳанги “Туҳфат-ул-хонӣ”-и Карминагӣ”-ро омода намуда истодааем, ки агар хато накунам он шомили зиёда аз 10 ҳазор моддаи луғавӣ аст.

Раиси маҷлис суханро барои тақриз ба муқарризи холис н.и.филол., дотсент, сардори шуъбаи таҳлил ва робита бо ҷомеаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ҳакимова Башорат Наимовна дод.

**Гузориши муқарризи холис Ҳакимова Б.Н.:**

Диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович ба яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии тоҷикӣ бахшида шуда, интихоби мавзӯъ актуалист, зеро муайян намудани давраҳои мухталифи рушди таърихи забон хоҳ дар асоси осори илмӣ-таърихӣ ва хоҳ бадеӣ аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Он барои ба таври возеҳ инъикос намудани хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикӣ дар қарнҳои XVIII ва XX мадад мерасонад.

Навгонии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки унвонҷӯ вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нуткро аз нигоҳи сохту услуб, дараҷаи корбурд, вазифа ва мавқеъ дар калимасозию маъносозӣ бори нахуст дар асоси осори таърихии қарнҳои XVIII ва XX (“Туҳфат-ул-хонӣ”-и Муҳаммадвафои Карминагӣ ва “Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ”, “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро”-и устод Айнӣ бо оморгирии дақиқ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф ба осори илмӣ ва методҳои фардии забоншиносони хориҷиву ватанӣ (В.Виноградов, В.Расторгуева, Вилям Ҷонс, Л.Пейсиков, П.Хонларӣ,

М.Баҳор, Б.Камолиддинов, Ш.Рустамов, М.Қосимова, О.Қосимов, А.Ҳасанов ва диг.) такя кардааст.

Муаллифи диссертатсия вазифаҳову мақсадҳои тадқиқотии хешро бо чанд нукта ироа намудааст:

-баррасӣ ва таҳқиқи ифодаи категорияи муайянӣ ва номуайянии исм дар забони осори давраҳои муқоисашаванда;

-нишон додани умумияту фарқи категорияи шумораи исм ва таносуби истифодаи воситаҳои ҷамъбандии тоҷикӣ (-ҳо ва -он "-вон, -гон ва –ён") дар осори Карминагӣ ва устод Айнӣ;

-муайян кардани вежагиҳои морфологӣ ва ваҷҳи корбурди унсурҳои вожанигорӣ, ба мисли исмҳои сохта дар асарҳои қиёсшаванда;

-таҳлили қиёсии категорияи дараҷаҳои сифат ва баъзе вежагиҳои фарққунандаи онҳо дар асарҳои мавриди омӯзиш;

-муайян кардани вежагиҳои сохтори сифатҳо дар забони осори таърихии қиёсшавандаи қарнҳои XVIII ва XX;

-баррасии вежагиҳои морфологии вандгунаҳои сифатсоз ва ваҷҳи корбурди онҳо дар забони осори мавриди омӯзиш;

-қиёсу баррасии вежагиҳои морфологии шумора ва баъзе навъҳои ҷонишинҳо дар асарҳои муқоисашаванда.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, номгӯи ихтисораҳо, се боб, ҳафт фасл, бисту ду зерфасл, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ, сарчашмаҳо иборат мебошад, ки 174 саҳифаро фаро мегирад ва инчунин замима ба диссертатсия низ оварда шудааст, ки 113 саҳифаи чопиро дарбар гирифтааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи азхудшавӣ, мақсаду вазифаи таҳқиқот, объекту предмети таҳқиқот, асосҳои назариявию заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навовариҳо, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нуктаҳои ҳимояшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, Тасвиб ба амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот ва сохтору ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Дар боби аввал зери унвони “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии исм дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX” номгузорӣ шуда, он аз 2 фаслу ҳафт зерфасл иборат мебошад. Диссертант оид ба категорияҳои грамматикӣ ва роҳу воситаҳои ҷамъбандии исм ва вежагиҳои морфологии исмҳои сохтаро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Қобили қайд аст, ки ҳангоми андешаронӣ ва таҳлил муҳаққиқ ба сарчашмаҳои эътимодноки илмӣ мурочиат кардааст ва аз онҳо иқтибосҳо овардааст, ки ин ҳолат аз иқтидори илмии муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии сифат дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX” ном дошта, муаллиф дар доираи се фаслу ҳафт зерфасл категорияи дараҷа дар сифат, пешванду пасвандҳои сифатсоз ва хусусиятҳои морфологӣ ва ваҷҳи корбурди бархе аз вандгунаҳои сифатсозро шарҳу баррасӣ намудааст.

“Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии шумора ва ҷонишин дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX” – боби сеюм буда, он дорои ду фасл ҳашт зерфасл иборат мебошад. Дар ин боб ба таври мушаххас калимаҳои мансуб ба шумора ва навъҳои шумора, нумеративҳову воҳидҳои шумор ва хелҳои ҷонишин (шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ ва таъинӣ) таҳлилу баррасӣ ёфтааст.

Дар интиҳои кор муаллиф аз таҳқиқи анҷомпазируфта хулосаҳои муҳими баровардаашро дар ду қисм: дар қисмати аввал натиҷаҳои асосии илмии бадастомада (дар доираи 18 банд) ва дар қисмати дуюм тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро зикр намудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсия бо забони илмӣ таълиф шуда, андешаронӣ, сабки баён, таҳлилҳо ва натиҷагириҳои муаллиф мушаххасу дақиқанд. Б.Ашрапов аз сарчашма ва адабиёти назариявӣ хуб истифода намуда, барои тақвияти андешаҳояш дар мавридҳои зарурӣ иқтибос овардааст. Дар саросари диссертатсия барои расидан ба ҳадафи асосии таҳқиқ Б.Ашрапов ба ҷанбаи омории осори мавриди таҳқиқ диққат дода, ба мақсадҳои муқаррарнамудаи худ муваффақ гардидааст. Бояд тазаккур намуд, ки дар ҳар як фаслу зерфаслҳо муаллиф кӯшиш кардааст, ки хулосаи худро аз рӯи

методи оморӣ ҷамъбаст намояд. Яъне ба воситаи диаграмаму схемаҳои гуногун фикри худро ҷамъбаст намояд, ки ин заҳмати зиёди муаллифро муаррифӣ менамояд.

Забони диссертатсия илмӣ, фасеҳ ва дастрас буда, худи диссертатсия ҷавобгӯ ба талабот мебошад.

Гузориши масъала, баҳс дар атрофи асоснок намудани фикр ақида ва хулосабарории муаллиф мантиқӣ ва фаҳмо буда, ҳар як банди хулоса такя ба дастовардҳои назария ва амалияи забоншиносии муосири ватаниву хориҷӣ асоснок шудааст, ки аз боризтарин муҳассаноти кор маҳсб мешавад.

Бо вуҷуди муваффақияту дастовардҳо диссертатсияи Б.Ашрапов баъзе нуқсонҳо ҷой доранд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Хуб мешуд, агар дар саҳифаи 7 сархати сеюм, муаллифони осору рисолаҳо ва мақолаҳо бидуни қавсайн оварда шуда, танҳо соли нашри он дар қавсайн гузошта шавад. "Дар баробари ин, осору рисолаҳо ва мақолаҳои [Н.Маъсумӣ 1959, 1976; Р.Ғаффоров, 1971, 1978; Х.Юсупов 1971; М.Холов, 1972; Х.Ҳусейнов 1973; С.Ҳалимов 1974; Н.Шарофов 1977; М.Темурова 2009; Т.Ваххобов 2010; А.Ҷ. Саломов 2010; Т.Чориев 2014; С.Ф. Низомова 2015, 2017; Н.Санавбар 2015; Ш.Бобомуродов 2018; Ш.М. Мавлонзода 2019; М.И. Бобоева 2019; С.А. Фарҳодова 2021; М.М. Фозилова 2021; Н.М. Хошимова 2022] ва дигарон ба таҳқиқу омӯзиши вежагиҳои луғавӣ, сарфӣ ва наҳвии забони осор ва нақши устод Айнӣ дар рушди забону адабиёти тоҷик бахшида шудаанд".

2. Ошноӣ бо диссертатсия ва автореферати Б.Ашрапов нишод дод, ки муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот аз усулҳои гуногуни таҳқиқоти лингвистӣ истифода бурдааст, аммо дар қисмати муқаддима ягон намуди усули тадқиқот ишорае нарафтааст;

3. Дар диссертатсия ба замимаҳо ишора мешавад (Саҳ. 17 дар қавсайн ниг. ба замимаҳои № 1.1.1; 1.1.1 (а) ва (б) хуб мешуд агар, саҳифаи он низ ишора карда шавад.

Дар маҷмуъ, камбудиву норасоиҳо ва иштибоҳҳои номбурда моҳияти илмӣ ва дастовардҳои боарзиши муҳаққиқи ҷавонро коста намесозанд ва ин нуқсонҳоислоҳшаванда буда, барои беҳтар ва сифатан хубтар гардидани ҷанбаҳои илмии диссертатсия боис хоҳанд шуд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)" ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) сазовор аст.

**Гузориши муқаррризи холис Раҳматов Ш.А.:**

Диссертатсияи унвонҷӯ Б.Ашрапов ба таҳқиқи қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикӣ дар асри XVIII (дар мисоли "Туҳфат-ул-хонӣ"-и Муҳаммадвафои Карминагӣ) ва садаи XX (дар мисоли "Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ", "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро"-и устод Айнӣ) ихтисос дорад.

Диссертатсияи мазкур ба яке аз мавзуъҳои мубрами забони тоҷикӣ бахшида шудааст, ки мавзуи таҳқиқ муҳим буда, шоистагии омӯзишро дорад. Бинобар ин "Туҳфат-ул-хонӣ"-и Муҳаммадвафои Карминагӣ бори аввал ба ин густардагӣ мавриди таҳқиқи забоншиносӣ қарор мегирад, ки тафовути ду марҳилаҳои забони адабиро доир ба хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ бевосита дарбар мегирад. Муаллиф роҷеъ ба масъалаи мазкур 20 мақола нашр намудааст, ки ба 3 забон – тоҷикӣ, русӣ, англисӣ дар дохил ва хориҷ аз кишвар нашр шудаанд. Чун аввалин мақолаи унвонҷӯ соли 2013 нашр шудааст, метавон тахмин кард, ки муаллиф 8-9 сол мешавад, ки бо таҳқиқи мавзуи мазкур машғул аст.

Аз маводи диссертатсия аён мегардад, ки таърихномаи Муҳаммадвафои Карминагӣ "Туҳфат-ул-хонӣ" (а.XVIII) ҳамчун манбаи таҳқиқ барои муқоиса бо осори таърихии устод Айнӣ, аз ҷумла "Таърихи амирони манғитияи

Бухоро, Исёни Муқаннаъ” ва “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” (а.XX) маводи кофӣ доштааст.

Маводи диссертатсия дар доираи ҳиссаҳои номии нутқ мушаххас аст, ки сохтори диссертатсия аз муқаддима, номгӯи ихтисораҳо, се боб, ҳафт фасл, бисту ду зерфасл, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ, сарчашмаҳо иборат мебошад, ки 174 саҳифаро фаро мегирад ва инчунин замима ба диссертатсия низ оварда шудааст, ки 113 саҳифаи чопиро дарбар гирифтааст.

Дар муқаддима оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи азхудшавӣ, мақсаду вазифаи таҳқиқот, объекту предмети таҳқиқот, асосҳои назариявию заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навовариҳо, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нуктаҳои ҳимояшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, Тасвиб ба амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот ва сохтору ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст, ки ҳамаи банду басти муқаддимаи диссертатсия аз рӯйи талаботи КОА-и назди ҶТ оварда шудаанд.

Диссертант Б.П. Ашрапов дар се боби диссертатсияи худ аз усулҳои муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, мантиқӣ, эҳсоӣ ва қиёсӣ истифода бурда, хусусиятҳои умумӣ ва боризи вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи осори давраҳои қиёсшавандаро муайян намудааст.

Ҳамин тавр, мақсад ва вазифаҳои дар назди диссертатсия гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд:

- диссертатсия дар асоси мисолҳои фаровон таълиф ёфтаанд;
- муаллиф кӯшидааст, ки таҳлилҳо амиқ сурат бигиранд;
- барои таъмини диқиқияти андешаҳо аз усули омор ва қисман диаграммаҳо истифода шудааст;
- андешаҳо дуруст ҷамъбаст ва хулоса карда шудаанд.

Диссертатсия имкон медиҳад, ки дар бораи масъалаҳои этимологӣ (решашиносӣ) алоқамандона бо хусусиятҳои забони арабӣ (дар калимаҳои иқтибосии арабӣ) маълумот пайдо кунем (амсоли шарҳи шаклҳои калима:

aқовил – қавлун – aқовилун – қавл; ё ин ки “асби абӣ – зотӣ, саркаш (ар.) ва ғ.).

Диссертатсия барои шарҳи услубии мавқеи истеъмолии муродифоти маъноӣ ва сохтории калимаҳо мусоидат дорад. Чунончи, омӯхтани холатҳои услубӣ дар доираи “ҷамъулҷамъ” оварда шудааст: аҷиб-аҷоибот; ҳодиса-ҳаводис-ҳаводисот.

Маъноҳои пасванди -вор ҳамчун морфемаи сифатсоз, зарфсоз; корбасти он бо исмҳо, сифатҳо ва ғ.

Баъзе муқоисаҳо дар партавӣ забони арабӣ сурат гирифтааст, ки ҷанбаи қиёсии диссертатсияро тақвият мебахшад.

Дар интиҳои кор муаллиф аз таҳқиқи анҷомпазируфта хулосаҳои муҳими баровардаашро дар ду қисм: дар қисмати аввал натиҷаҳои асосии илмии бадастомада (дар доираи 18 банд) ва дар қисмати дуюм тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро зикр намудааст.

Бо вуҷуди муҳассаноти зиёд дар диссертатсияи мавриди тақриз гоҳо бархе аз норасиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба сифати кор ҳусни нав зам хоҳад намуд.

1. Маълум гардид, ки диссертант дар кораш барои исботи фикри худ як қатор диаграммаҳо дар замима овардааст, хуб мешуд, ки агар баъзе диаграммаҳои дар замима бударо дар даруни кор ҷой диҳад.

2. Дар боби сеюми диссертатсия оид ба ҷонишин муаллиф танҳо аз се навъи ҷонишинҳо баҳс намудааст (ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ, таъинӣ), аммо дигар навъҳои ҷонишинро баррасӣ ва таҳқиқ накардааст.

3. Дар автореферат ҷо-ҷо иқтибосҳо дар қавсайн оварда шудаанд, ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад шуд.

4. Хуб мешуд, ки агар баъзе бандҳои хулосаи бобҳоро бо хулосаҳо (яъне хулосаҳои асосии диссертатсия) иваз карда шавад.

Умуман, диссертатсияи мавриди тақризи Б.П. Ашрапов кори баанҷомрасида аст. Меҳнату заҳмати зиёд шудааст, ки дастгоҳи илмиву нехтикиаш дуруст аст, ҳасаноти зиёд ва навгониҳои бисёр дорад ва ин

дархости манзуркардаи мо маънои онро надорад, ки сифати кор паст аст, балки фарогирии маводи таҳқиқ, мавзуъ ва ҳаҷми кор аз талаботи диссертатсияи номзадӣ болотар аст ва дар сурати ба инобат гирифтани андешаҳои ҷаласаи имрӯза он боз ҳам беҳтар хоҳад шуд. Бинобар он пешниҳод менамоям, ки бо дарназардошти андешаҳои муқарризон диссертатсия ба ҳимоя манзур карда шавад.

Диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон дар мавзуи "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) тадқиқоти мустақилона ва ба охиррасида буда, баъди ислоҳ ва бартараф намудани камбудиҳо онро метавон ба ҳимоя тавсия намуд.

**Суханронии роҳнамои илмии диссертатсия Ғиёсов Нурулло Исматович:** Рисолаи унвонҷӯ Ашрапов Б.П. дар сексияи забоншиносии назди шурои диссертатсионӣ мавриди баррасӣ қарор дошт. Дар муҳокимаи он олимони кафедраи забони тоҷикӣ, грамматикаи забони арабӣ, фонетика ва лексикологияи забони англисӣ ва забони олмонӣ иштирок карда, дар такмили диссертатсия пешниҳодҳо карданд, аз рӯйи онҳо унвонҷӯ хеле ҷиддӣ кор кард ва хатоҳо ислоҳ шуданд. Ман ҳамчун роҳнамои илмӣ диссертатсияро ба дифоъ пешниҳод менамоям.

Раиси маҷлис дар идомаи ҷаласа чунин лоиҳаи **қарор**и маҷлисро пешниҳод намуд:

"Бо назардошти андешаҳои боло, ки иброз шуданд, шурои олимони факултети забонҳои шарқи МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" бо протоколи № 1 аз 31-ми августи соли 2022 диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва

Садриддин Айнӣ)" ҳамчун таҳқиқоти комилан анҷомёфта бо назардоштиислоҳи хатоҳои зикршуда барои баррасӣ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037 назди МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод карда шавад.

**Иштирок доранд:** 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

"тарафдор" – 20 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест.

Протоколи № 1 аз 31-ми августи соли 2022.

Қарор якдилона қабул шуд. Бо ҳамин маҷлис бо рӯзномаи зикршуда хотима ёфт.

**Раиси маҷлис, н.и.филол., дотсент: Раҳимов И.У.**
**Котиби маҷлис, н.и.филол., дотсент: Содиқова Р.А.**
**"Имзоҳои И.У. Раҳимов ва Р.А. Содиқоваро тасдиқ мекунам".**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»: Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**